# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ)**

Диссертатсияи Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” ба яке аз масъалаҳои мубрами психология, тақвияти раванди таълим ва рушди лаёқати зеҳнӣ дар наврасон таҳия шудааст.

Унвонҷӯ Фаризаи Файзизода дар заминаи мубрамияти масъала мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши психологияи педагогӣ, тақвияти раванди таълим ва рушди лаёқати зеҳнӣ дар наврасон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманди дошта, мубрам маҳсуб меёбад. Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он, ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд дошта бошад.

Аз таҳлилу омӯзиши автореферати диссертатсияи Фаризаи Файзизода бар меояд, ки дар натиҷаи анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардида, натиҷаҳо нишон дода шудааст, ки зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати рушди когнитивии наврасон ва таъмини инфиродиятнокии таҳсилот мусоидат намояд.

Дар муқаддима унвонҷӯ зарурият ва аҳмияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳмияти назарявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқотро баён карда, дар он фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқотҳо муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявию методологии инкишофи лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ» ном гирифта, фарогири чор

зербоб аст. Дар он оид ба таърихи таҳқиқи лаёқати зеҳнӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, мувофиқи таҳқиқоти муосир лаёқати зеҳнӣ зуҳуроти мураккаб, таркибӣ ва бисёрҷабҳа буда ба сифати ҷузъҳои асосии таркибии он қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодкорӣ (креативнокӣ) ва мароми маърифатӣ баромад мекунанд. Дар баробари лаёқати зеҳнӣ, инчунин намудҳои дигари он, ба монанди лаёқати эҷодӣ, лаёқати бадеӣ, лаёқати иҷтимоӣ ва лаёқати сарварӣ мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд.

Боби дуюм "Омӯзиши таҷрибавӣ - озмоишии хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон" унвон дошта, аз се зербоб иборат буда, мавзуи таҳқиқоти аз нигоҳи эксперименталӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қайд намудан бомаврид аст, ки сохтори автореферат ва рисолаи он, интихоби зербобҳо, махсусан, қисмати амалии он ба талабот мувофиқ буда, тамоми ҷанбаҳои кори илмиро фаро мегиранд.

Автореферати диссертатсия муқарраротиҳориро дар бар гирифта, ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

**Эродҳо ба автореферати диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, ки дар автореферат оварда шудаанд, дар матни он баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар тарҷумаи автореферат маъзе ноҷуриҳо ба назар мерасад, хуб мебуд, ки вобаста ба қоидаи фаъолияти тарҷумонӣ матн таҷдид мешуд.
2. Дар таҳияи автореферати мавриди такриз баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, эродҳои ишорашуда ба паст шудани арзиши диссертатсия боис намешавад, кор бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи докторанд ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, рисолаи илмие, ки Фариза Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ) ба анҷом расидааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири шуъбаи инноватсия ва
психологияи таҳсилоти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои психологӣ Н.Ф. Абдурашитов
"11" 11 соли 2025

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2;
E-mail: a_naimjon_f@mail.ru
Тел.: +992 (918) 50-21-45
E-mail: att@maorif.tj URI: www.aot.tj

«Имзои Абдурашидов А-ро тасдиқ мекунам»
Нозири кадр ва коргузории
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М.С. Саидова